«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мӯминзода Ш.А. ____________**
**«__20__» ________________ соли 2025**

**ПРОТОКОЛИ № 2**

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**аз «26» сентябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М.**
**Котиб: н.и.ҳ., дотсент Абдуллоева М.К.**

**Иштирок карданд:** Иштирок доштанд ҳамагӣ 22 нафар, ки аз он 5 нафар доктарони илм, 16 номзадҳои илм ва 1 нафар муаллими калон: намояндаи ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С., мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва инноватсияи ДДҲБСТ д.и.и., дотсент Абдуқодиров Х.А., декани факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Кенҷазода Ш.Ю., д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. (ба таври маҷозӣ), муовини декан оид ба илм ва инноватсия н.и.ҳ., дотсент Зиёбоева М.Н., д.и.ҳ., дотсент Шокиров Ғ.Б., д.и.ҳ., дотсент Санавваров Ғ.Б., н.и.ҳ., дотсентон: Орипов Т.О. Ахмедов Н.И., Раҳматулоев А.Э., Солиев И.М., Қобилов Б.Қ., Очилова Ф.А., Қодирзода М.А., Маннонзода Н.М., Сайдуллоев А.А., Акилова М.М., Рофиева А.Ҳ., Абдуллоева М.К., н.и.ҳ., муаллими калон Иноятзода А.И., муаллими калон Баҳриддинзода З.Б.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Роҳбарии илмӣ:** Искандаров З.Ҳ. д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯй Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият, рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар шароити муосир, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди ҳаёти ҷомеаи кишвар муайян шуда, арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари сиёсати ҳуқуқии кишвар дар соҳаи ба амалбарории адолати судӣ муқаррар гардид.

Вобаста ба амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи адолати судӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пайваста ишора менамоянд, ки: «Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд».

Бо вуҷуди дигаргуниҳо дар низоми ҳуқуқии муосир вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд вобаста ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини кафолатҳои ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо беҳбудиро талаб мекунад. Воқеан амалӣ шудани адлияи барқароркунанда, ки гунаҳгор дар он уҳдадор мешавад, ки зарари ба ҷабрдида расонидаро ба роҳи қонунӣ ҷуброн намояд ва давлат ба он мусоидат кунад, истифодаи оштидиҳӣ ва иваз шудани ҷазои маҳруми аз озодӣ ба намудҳои дигари ҷазо, тадриҷан ба татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва инкишофи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиро ба миён меорад, таъмин карда мешавад.

Вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси эътирофи принсипҳои ҳимояи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ, муқаррароти махсус пешбинӣ шуд, ки ба дастрасии ҳар шахс ба адолати судӣ, ҳифзи судӣ, шаффофу одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошанд.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ ин таҳлили ҳамаҷонибаи асоснокии мафҳум ва моҳияти айбдоркунӣ, айбдоркунии хусусӣ, дақиқ мушаххас кардани намудҳои айбдоркунӣ, дар ҳамин замина бар асоси маҳаку хусусиятҳо муайян намудани доираи парвандаҳои ҷиноятие, ки мансуб ба намудҳои

алоҳидаи таъқиби ҷиноятӣ мебошад, мураттаб намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимгароии ин намуди айбдоркунӣ, ҷудо намудани хусусиятҳои пешбурди он дар марҳилаи тосудӣ ва судӣ, аниқ намудани мушкилоту муаммои ба ҳаёт татбиқ намудани пешбурди айбдоркунии хусусӣ, пешниҳоди хулосаҳо баҳри такмил додани қонунгузории мурофиавӣ ва амалияи татбиқи он иборат аст, ки нақши назаррас дорад.

Барои расидан ба мақсадҳои ишорагардида ба таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- омӯзиши таърихи мухтасари бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ;
- омӯзиш, таҳлил ва муайян намудани мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ ва таъқиби ҷиноятӣ;
- омӯзиши назария ва таҳқиқи амалияи татбиқи пешбурди айбдоркунии хусусӣ;
- таъмини баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ;
- таҳлил ва муқоисаи таҷрибаи мақомоти судии давлатҳои хориҷӣ оид ба тартиби соддашудаи мурофиаи судӣ ва амалишавии айбдоркунии хусусӣ;
- коркарди пешниҳодҳо ҷиҳати беҳтар намудани пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва рафъи камбудиҳо дар ин самт;
- асоснок кардани хулосаи муаллифӣ ҷиҳати такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ оид ба тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмиву амалияи судӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи мурофиаи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ иборат буда, хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ ва амалии таҳқиқот метавонад дар раванди таълим ҳангоми омузиши фанҳои мурофиаи ҷиноятӣ, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, курсҳои махсус, инчунин дар амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳокимияти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти калон доранд.

Дар чараёни чаласа аз чониби иштирокчиён д.и.ҳ., дотсент Муҳаммадиев И.С., Ахмедов Н.И., Санавваров Ғ.Б., Сайдуллоев А.А. ва Кенчаев Ш.Ю. ба унвонҷӯй саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ чавобҳои мукаммал дод.

Роҳбари илмии унвонҷӯй д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. ба таври мачозӣ баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Кабирзода Г.Қ. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯй қобилияти баланди эчодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анчомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.9 - Ҳуқуқи мурофиаи чиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни чаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси чаласа н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анчомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз чумла мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва инноватсияи ДДҲБСТ д.и.и., дотсент Абдуқодиров Х.А. н.и.ҳ., дотсент Кенчазода Ш.Ю., н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. баромад намуда, ба унвонҷӯй тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро қайд карда, саҳми унвонҷӯйро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Кабирзода Г.Қ. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 18 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ – амалӣ ва назариявии байналмилалию чумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани чанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ ба эродҳои баромадкунандагон чавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Чаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Кабирзода Г.Қ. дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 22 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи №2, аз «26» сентябри соли 2025.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ**
**ва назорати прокурории ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Қаҳоров Н.М.**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурории ДДҲБСТ** **Абдуллоева М.К.**

**Имзои Қаҳоров Н.М. ва Абдуллоева М.К.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**“17” сентябр с. 2025** **Бобоев А.Х.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811